Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-088-и назди Муассисаи давлатии таълимӣ "Донишгоҳи давлатии Данғара" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.)

**Тақриз**

**ба автореферати Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи "Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин" барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ**

Муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ нисбат ба масъалаҳои осори безаволи Шамсиддин Шоҳин аз нуктаи назари гуногун ибрози андеша кардаанд ва дар ин росто диссертант низ дуруст қайд менамояд, ки масоили марбути вижагиҳои луғавию маъноии забонии осори шоир корҳои муҳими илмӣ –тадқиқотӣ фарогир (бо истиснои чанд асару мақолаҳои мухтасар) дида намешаванд.

Ҳиқиқатан ҳам, осори безаволи шоирон ва нависандагони адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, аз он ҷумла, Шамсиддин Шоҳин бозгӯйи масоили муҳими илмист ва он ба баррасиҳои ҳамаҷонибаи тадқиқотҳои пурарзише ниёз доранд.

Таҳқиқи вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсидин Шоҳин дар кори диссертатсионӣ мавриди тадқиқоти илмӣ қарор гирифтааст, мавзуи хеле мубрам буда, мубрамияти диссертатсияро таъмин менамояд ва дар ин ҷода нахустин иқдом аст.

Аввалин диссертатсия, ки доир ба масоили вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсидин Шоҳин дар осори он ба анҷом расидааст гӯем, хато намекунем. Мақсад ва вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташуда, хело барҷаста ва илмӣ мебошанд.

Нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд аз аҳаммияти калони илмӣ бархурдор буда, ҷиҳати бозкушоии таърихи ташаккули забони тоҷикӣ, рангорангии қабатҳои луғавӣ, истифодаи маъноҳои аслию маҷозии калимаҳо, ҷойгоҳи вожаҳои қадимаи тоҷикӣ, мавқеи муродифоти луғавӣ, мавқеи калимаҳои сермаъно, омонимҳо, зидмаъно, омӯзиши этимологияи калимаҳо, ҷойгоҳи вожаҳои забон ва сухан, истифодаи истилоҳоти забоншиносӣ ва мусиқӣ, накши воситаҳои тасвир дар таркибсозии забони он, бозтоби ганҷинаи вожагонии ашъори шоир дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ва дигар масоил, ки шеъри шоирро рангоранг

ва ҳаст кардааст, баррасии он барои муҳаққиқони оянда, ки вобаста ба вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори намояндагони адабиёти классикӣ таҳқиқотҳо мебаранд, роҳ мекушояд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муҳиммияти илмии хеле калони илмӣ дорад, аз он ҷумла, барои корҳои диссертатсионии оянда, дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар барои омӯзиши фанҳои таърихи забони адабии тоҷик, дар омода сохтани барномаҳои луғатшиносии забони тоҷикӣ-сарвати луғавии забон, маводи луғати ашъори Шамсиддин Шоҳин, вожаҳои хосси гуфтори мардум дар назми классикӣ, дастурҳои омӯзишӣ, семинару курсҳои махсуси факултетҳои филологии донишкадаю донишгоҳҳо ва ғайраҳо маводи дастрас пешниҳод менамояд.

Қисматҳои асосии таҳқиқот аз муқаддима, се боб, дувоздаҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, ки дар умум 185 саҳифаи чопии компютериро ташкил мекунад, онро хеле пайдарпай ва мантиқан дуруст муайян намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Вижагиҳои маъноии ашъори Шамсиддин Шоҳин» ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли нахуст __ «Ҷойгоҳи вожаҳои қадимаи тоҷикӣ дар ашъори шоир» буда, диссертант онро дар се зерфасл: «Вожаҳои марбут ба исм», «Вожаҳои марбут ба феъл», «Вожаҳои марбут ба зарф»-ро дар бар мегирад ва фасли дуюм "Ҷойгоҳи калимаҳои омиёна дар ашъори шоир" ва фасли сеюм "Ҷойгоҳи воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол дар ашъори шоир"-ро фарогир аст. Диссертант дар ҳар як зерфасл ба шарҳи ҷойгоҳи вожаҳо эътибор дода, назари хешро илман асоснок намудааст ва ин гувоҳӣ медиҳад, ки диссертант онро ба қабатҳои гуногун гурӯҳбандӣ карда, ҳар кадоми онро ба зергурӯҳҳо ҷудо намуда, ба таври муфассал бо пажуҳиши дуруст ва илмӣ таҳқиқ намудааст.

Боби дуюми диссертатсия "Гурӯҳҳои луғавии ашъори Шамсуддин Шоҳин" аз се фасл ва 15 зерфасл иборат буда, дар он диссертант мавзӯъҳои муродифоти луғавӣ дар ашъори шоир ва вобаста ба он вожаҳои ҳаммаъноиро дар қолабҳои гуногуни ҳиссаҳои нутқ (исм, сифат, феъл бо ҷузъҳои тоҷикӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-арабӣ, арабӣ-тоҷикӣ, арабӣ-арабӣ), мавқеи калимаҳои сермаъно, омонимҳо, калимаҳои зидмаъно (мансуб ба исм, мансуб ба сифат, мансуб ба ҷузъҳои исм-сифат, сифат-исм), мансуб ба феъл, мансуб ба зарф, (бо ҷузъҳои сифат+зарф+зарф-сифат), таркибҳои зидмаъно аз нигоҳи иштироки ҷузъҳоро вобаста ба

ашъори Шамсуддини Шоҳин баҳс намуда, бо нишондоди мисолҳо аз ашъори шоир назариявӣ ва илмӣ асоснок намудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Саҳми Шамсуддини Шоҳин дар ғанӣ гардонидани захираи луғавии забони тоҷикӣ" ном дошта, он аз шаш фасл ва чор зерфасл иборат буда, дар он диссертант ба таҳлили баъзе калимаҳои ашъори шоир- вожаҳои тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ, унсурҳои луғавӣ дар форсӣ ва дарӣ истифодашаванда, мавқеи маънои калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ, калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ маънои муштарак дошта, ҷойгоҳи вожаҳои забон ва сухан дар ашъори шоир, истилоҳоти забоншиносӣ ва мусиқӣ дар ашъори шоир, накшу воситаҳои тасвир дар таркибсозии забони ашъори шоир, бозтоби ганҷинаи вожагони забони ашъори шоир дар фарҳанги забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст ва аз нигоҳи илмӣ такя бар асосҳои илмии олимон таҳлил намуда, доир ба он мисолҳои фаровон овардааст.

Таҷдиди сохтории кор шаҳодат медиҳад, ки диссертант мавзуи хешро дар асоси сарчашмаҳои назариявию илмӣ асоснок намуда, онро илман мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, (исботи он бо факту далели зиёд нишон дода шудааст) ба комёбиҳои илмӣ шарафёб шудааст. Истифодаи натиҷаҳои илмии таҳқиқот барои соҳаҳои гуногуни илми забоншиносӣ аз манфиат холӣ нест: ба таҳқиқи вазъи забони ададии тоҷик дар охири садаи XIX ва ибтидои асри XX мусоидат менамояд; хонанда аз қалами суханпардози ин адиб ба имконоти баёни фасеҳи тоҷикӣ –форсӣ дастрасӣ пайдо хоҳад кард, ҳунари суханофарини омӯхт, ғановати забонӣ меафзояд; бисёр моддаҳои луғавии ӯ ба такмили фарҳангҳо мусоидат хоҳад кард, инчунин маводи ин диссертатсия дар таҳияи дастурҳои таълимӣ ва навиштани рисолаҳои илмӣ роҳ мекушояд.

Дар баробари ин, мутолиаи диссертатсия: таваҷҷуҳ ба фарҳанги миллиро бедор менамояд; истифода аз унсурҳои забони халқ гувоҳӣ медиҳад, ки шоир ба халқу гуфтори мардум наздикӣ доштааст ва он барои таҳқиқоти шевашиносӣ роҳ мекушояд; истифодаи зарбулмасал ва мақолҳо бадеияти забони шоир ва нависандаро баланд бардоштааст, ки барои омӯзиши ин мавзӯъ замина мегузорад; бо истифода аз муродифот, калимаҳои сермаъно, зидмаъно ё вожаҳои ҳаммаъно фикри хешро бо айнияти забони мафҳуми дилкаши бадеӣ баён намудааст, ки он забони ашъори шоирро дар намунаи забони осори бадеиии комил нишон медиҳад ва барои шоирону нависандагон намунаи ибрат шуда метавонад ва инчунин барои ифодаи равшании фикр бо истеъмоли вожа ва таркибҳои муродифӣ барои суханварон роҳ мекушояд; тарзи баёни шоирро дар интихоби услуби китобӣ ва гуфтугӯйи арзёби

намудааст; истифодаи калимаҳои иқтибосиро дар ашъори шоир мавриди баҳс қарор дода, корбурди онҳоро вобаста ба талаботи замон медонад ва таъйид менамояд. дар забони тоҷикӣ маводи фаровон медиҳад; дар хусуси забони шоир, ки аз воситаҳои тасвир бештар кор гирифтааст ва дигар мавзӯъҳо мисолҳои мушаххасе пешниҳод намудааст.

Муаллиф назари худро бо такя ба пажӯҳишҳои олимони ватаниву хориҷӣ асоснок намудааст.

Натиҷаҳои асосии хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар чандин мақолаҳо, ки дар маҷалаҳои илмии тавқризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтааст, нашр гардидаанд.

Автореферати диссертант ва мақолаҳои нашркардаи Шоҳзода Гулнора Амриддин мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия ӯро инъикос намудаанд.

Бандубаст ва мӯҳтавои автореферати мазкур ба талаботи фаннию сохтории кунунӣ ҷавобгӯй буда, дар баробари дастовардҳои зиёд баъзе норасоиҳои низ ба мушоҳида мерасанд. Барои беҳбудии корҳои баъдинаи пажуҳиши довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанд нуктаро зарур мешуморем:

1. Ҳар як боби кор аз матолиби муқаддамотӣ шурӯъ карда мешуд хело хуб буд.

2. Дар баъзе мавридҳо ном ва насаби шоир ба таври кӯтоҳ - Шоҳин дода шудааст, ки он бояд ба таври пурра – Шамсиддин Шоҳин зикр карда шавад.

3. Таҳқиқи вижагиҳои маъноии ашъор, гурӯҳҳои луғавии ашъор, саҳми шоир дар ғанӣ гардидани захираи луғавии забони тоҷикӣ дар асоси схема, нақшаҳо ва ҷадвалҳо пешниҳод гардида ва таҳлил карда мешуд ба манфиати кор буданд.

Дар маҷмӯъ, эродҳои зикрашуда, асосан ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Шоҳзода Гулнора Амриддин ҳусни бештар зам мекунад.

Хулоса, автореферати Шоҳзода Гулнора Амриддин дар мавзуи "Вижагиҳои луғавию маъноии забони ашъори Шамсиддин Шоҳин" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филология, дотсент,
Мудири кафедраи забонҳои
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Қаххоров М.М.

Нишонии Донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2
Телефон: +992 (37) 234-83-46, +992 (37) 234-85-46.
Email: mail@ddtt.tj: tguk@mail.ru.
www: www.tguk.tj.

Имзои номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Қаххоров Масъуд Маҳмудовичро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрхо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

"17" марта соли 2026